**Суратҷаласаи №13-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

аз 22.04.2025

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 6 нафар

22 апрели соли 2025, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои шуро дар ҷаласа 13 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Ҷурақулзода Умрон Шодиқул** дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шукуров Гулназар Холович** мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

2. **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав".

**Баромад намуданд:**

1. Раиси шуро: Шарифзода Ф.Х.
2. Котиби илмии шуро: Мухамедходжаева Р.
3. Унвонҷӯ: Ҷурақулзода Умрон Шодиқул.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Назарзода С., Нуров П., Мухамедходжаева Р., Охониёзов В., Раҳматуллозода С. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шукуров Гулназар Холович шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

2. **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Назарзода С.
2. Султон Ҳасан Баротзода
3. Раҳматуллозода С.

4. Нуров П.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Қосимӣ С., Нуров П. ва Мирзоев С. интихоб гардиданд.

Аз 13 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҷурақулзода Умрон Шодиқул додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ**

**аз 22.04.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии **Ҷурақулзода Умрон Шодиқул** дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), тақризи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода - **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон –**Амлоев**

**Аминҷон Ятимович**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода, Раҳматуллозода С. ва Нуров Пирмаҳмадро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Ҷурақулзода Умрон Шодиқул**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи "Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ" (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Ҷурақулзода Умрон Шодиқул аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Мухамедходжаева Р.

22 апрели соли 2025